**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи "Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Таҳқиқу баррасии таърихи фалсафаи тоҷик, осори мутафаккирони барҷастаи он аз тарафи шарқшиносони Аврупо ва ҷаҳон як қисми муҳими омӯзишу пажуҳиши афкор ва фарҳанги тоҷик ба ҳисоб рафта, аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳои илми муосири тоҷик мебошад. Муроҷиат ба таълифоти олимони барҷаста дар ин соҳа иқдоми шоистаи таҳсин ва дастгирии ҷавонони пажуҳандаи тоҷик шинохта мешавад, ки рисолаи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович "Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафаро аз он ҷумла донистан мумкин аст. Боиси таъкиди махсус аст, ки ин гуна таҳқиқот дар Тоҷикистон ангушшумор буда, аз ҷиҳати мубрамият ва аҳамият хеле дар сатҳи баланд меистанд.

Фалсафаи тоҷику форс дар таҳқиқоти олимони Аврупо ва ҷаҳон ҳамчун яке аз шохаҳои фалсафаи ҷаҳонӣ баррасӣ мешавад, ки бо ҷараёнҳои гуногуни фалсафию динияш маъруф гашта рушддиҳанда ва идомаи мантиқии афкори фалсафаи антиқа дониста шудааст. Аз ҷумлаи ин гуна муҳаққиқон, ки таҳқиқоташон ба омӯзиши осори файласуфони тоҷик равона гардидааст, мақом ва мартабаи файласуф, шарқшинос ва мутарҷими маъруфи Фаронсаи садаи XX - профессор Анри Корбен хеле назаррас буда ӯ байни олимони шарқшиноси фаронсавӣ бо таҳқиқоти густурдаю доманадор маъруф гардидааст, бинобар ин месазад то дарки мавқеи фалсафии ӯ ва баҳо додан ба мавқеи хосааш нисбати мероси мутафаккирони мо таҳқиқоти густардае анҷом дода шавад. Осори А.Корбен ва саҳми ӯ доир ба омӯзиши фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони он: Абӯнасри Форобӣ, Абулҳасани Омирӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абуяъқуби Сиҷистонӣ, Боязиди Бастомӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Носири Хусрав, Абулмаҷди Саноӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва дигарон бахшида шудааст, ки бо вуҷуди маъруфият дар ҷаҳон, дар илми тоҷик ба таври муназзам мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Дар ин хусус доираи таҳқиқоти анҷомдодашуда хеле маҳдуд буда, бинобар ин Иброҳимов Ф.М. ба таҳлил ва таҳқиқи муназзами осори А.Корбен роҷеъ ба таърихи фалсафаи тоҷику форс пардохтааст.

Бо возеҳу равшан гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ки иборат аз ошкор намудани муҳтаво ва хусусиятҳои ақидавии фалсафаи асримиёнагии

точику форс ва намояндагони алоҳидаи он дар пажуҳиши Анри Корбен, Иброҳимов Ф.М. дар диссертатсияаш таҳлилу баррасии мушаххаси фалсафаи машшоияи шарқӣ, аҳамияти афкори Абӯнасри Форобӣ, ташреҳи ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии осори тамсилии Абӯалӣ ибни Сино, муайян намудани аҳамияти фалсафаи калом - арҷгузорӣ ва тавсифи таълимоти ахлоқию иҷтимоии тасаввуф - хусусияти таълимоти исмоилия аз диди А.Корбен ва шарҳу тавзеҳи А.Корбен ба фалсафаи ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва баҳси ӯ дар бораи муҳтавои онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боиси тазаккур аст, ки навгонии таҳқиқоти мазкур ва нукоти асосии ба дифоъ пешниҳодгардида аз ҷониби диссертант комилан илмӣ ва асоснок ифода гардида, бешакку шубҳа қобили қабуланд. Воқеан аз автореферат аз пурмаҳсултарин муҳаққиқ, файласуф, ховаршинос ва мутарҷими фаронсавии садаи XX будани А.Корбен, ки фалсафаи тоҷику форсро ба таври махсус таҳқиқ карда, дар бораи хусусиятҳои равияҳои он ақидаи худро баён намудааст, равшан мегардад. Диссертант дуруст таъкид менамоянд, ки ҳарчанд А.Корбен дар байни файласуфону муҳаққиқони Тоҷикистон шинохта шудааст, вале ҳанӯз осори ӯ мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор нагирифта, ба онҳо баҳои зарурии илмӣ дода нашудааст. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба олимон фурсати муносиб ва шароити мувофиқ ба миён омадааст, ки ба таври объективӣ ва муфассал осори муҳаққиқони хориҷии таъриху фарҳанги моро мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳанд. Инчунин диссертант хусусияти асосии таҳқиқоти Анри Корбен ва саҳми ӯро дар рушди таърихи фалсафа таҳқиқ намуда муайян кардааст, ки “фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии А.Корбен яке аз ҷойгоҳи асосиро дар омӯзиш ва таҳқиқи фалсафаи исмоилия ишғол менамояд. Вай дар аксари асарҳояш ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла масъалаҳои шиъаи исноашарӣ (дувоздаҳимома), нубувват ва имомат, назарияи маърифат дар исмоилия, имомшиносӣ, исмоилияи ибтидоӣ, исмоилияи фотимӣ, диалектикаи тавҳид, исмоилияи ислоҳшуда дар Аламут, муносибати исмоилия ва тасаввуф ва ғайраро бештар баррасӣ намудааст. (с. 10).

Бинобар қобили қабул ва асоснок будани саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, ки диссертатсияи худро мустақилона таҳия карда иборат аз аввалин бор дар Тоҷикистон осори файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбенро ба таври муназзам таҳқиқ намудан ва дар мавриди зарурат иқтибосҳоро аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума кардан, ба ғайр аз таҳқиқи осори Анри Корбен дар тарҷумаи қисме аз асарҳои ӯ низ иқдом намуда онҳоро барои муҳаққиқони дигар ҳамчун манбаъ пешниҳод намудан мебошад. Диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” тибқи меъёрҳо

ва талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи диссертатсияро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа ҳисоб мекунам.

**Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,**
**мудири кафедраи психология ва**
**сотсиологияи идоракунии Академияи**
**идоракунии давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абилзода Г.С.**

**Имзои Абилзода Г.С.-ро тасдик мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи**
**идоракунии давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Суфиев Ф.Р.**